аз 02.08.2022, №17-ф

Дар бораи Тартиби гузаронидани хариди назоратӣ

070.030.010

Мутобиқи қисми 2 моддаи 86 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1.Тартиби гузаронидани хариди назоратӣ тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2.Фармоиши мазкур ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бақайдгирии давлатӣ пешниҳод карда шавад.

3. Раёсати молиявию хоҷагидорӣ барои дар рӯзномаҳои «Ҷумҳурият» ва «Боҷу хироҷ» нашр намудани фармоиши мазкур чораҷӯӣ намояд.

4. Фармоиши мазкур пас аз бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

5.Фармоиши раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистион аз 14 ноябри соли 2012, №5-ф «Дар бораи тасдиқ намудани Тартиби гузаронидани хариди назоратӣ», ки дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 7 декабри соли 2012, №673 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, аз эътибор соқит дониста шавад.

6. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини якуми раиси Кумитаи андоз вогузор карда шавад.

Раис Нусратулло Давлатзода

Замима
ба фармоиши раиси Кумитаи
андози назди Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз «_02_» _08_ соли 2022, № 17-Ф

Тартиби гузаронидани хариди назоратӣ

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Тартиби гузаронидани хариди назоратӣ (минбаъд- Тартиб) дар асоси қисми 2 моддаи 86 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, назорати истифодабарии дастгоҳҳои назоратӣ–хазинавии дорои хотираи фискалӣ ва ба харидорон додани чекҳоро муқаррар менамояд.

2. Хариди назоратӣ аз ҷониби мақомоти андоз бе маҳдудияти даврияти он танҳо барои назорати истифодабарии дастгоҳҳои назоратӣ – хазинавӣ, хазинаи виртуалӣ, системаҳои компютерии дорои хотираи фискалӣ, мутобиқати маълумоти хотираи фискалии дастгоҳи назоратӣ–хазинавӣ ба бақияи маблағҳои нақдии хазина, қайди маълумотҳои зарурӣ дар чеки назоратӣ-хазинавӣ ва ба харидорон додани чипта анҷом дода мешавад.

3. Мақсади гузаронидани хариди назоратӣ - муайян намудани риояи талаботи қонунгузории андоз оид ба тартиби истифодабарии дастгоҳҳои назоратӣ – хазинавии дорои хотираи фискалӣ ҳангоми ҳисоббаробаркунӣ бо пули нақд мебошад.

## 2. ТАРТИБИ ГУЗАРОНИДАНИ ХАРИДИ НАЗОРАТӢ

4. Асос барои гузаронидани хариди назоратӣ фармоиш мебошад, ки аз ҷониби роҳбари мақомоти андоз қабул карда мешавад (Замимаи 1 ба Тартиби гузаронидани хариди назоратӣ).

5. Хариди назоратӣ аз ҷониби мақомоти андоз мувофиқи маълумотҳои мавҷуда доир ба истифода набурдани дастгоҳҳои назоратӣ–хазинавии дорои хотираи фискалӣ аз ҷониби субъектҳои хоҷагидорӣ ва субъекти соҳибкорӣ, аз рӯйи шикоятҳо ва аризаҳои шаҳрвандон, бо мақсади амалӣ намудани назорати андозӣ, инчунин дар ҷараёни санҷиши амалиётӣ амалӣ карда мешавад. Аз натиҷаи амалӣ намудани хариди назоратӣ санади хариди назоратӣ тартиб дода мешавад (Замимаи №2 ба Тартиби гузаронидани хариди назоратӣ).

6.Барои амалӣ намудани хариди назоратӣ мақомоти андоз метавонад шахсони холисро, ки аз натиҷаи назорати андоз манфиатдор намебошанд, ҷалб намоянд.

7. Хариди назоратӣ (хариди мол, кор, хизматрасонӣ) дар субъекти хоҷагидории дар асоси фармоиш аз ҷониби корманди мақомоти андоз, ки ному насаби он дар фармоиш нишон дода шудаастнд, анҷом дода мешавад.

8. Пас аз анҷом додани хариди назоратӣ, корманди мақомоти андоз ба шахсе, ки фурӯши мол (кор ва хизматрасонӣ)-ро анҷом додааст, фармоиш ва шаҳодатномаи хизматиашро барои муайян намудани шахсият нишон медиҳад. Пас аз он корманди мақомоти андоз нишондоди дастгоҳҳои назоратӣ–хазинавиро бе хомӯш намудани дастгоҳҳои назоратӣ–хазинавӣ аз фурӯшанда (хазиначӣ), китоби бақайдгирии санҷишҳои нозирон ва ҳисоб намудани воситаҳои пулии нақди дар хазинабударо талаб менамояд, воситаҳои пулии нақд аз ҷониби шахси масъули субъекти хоҷагидорӣ (фурӯшанда, хазиначӣ) ҳисоб карда мешаванд. Ҳангоми ҳисоб намудани маблағҳои пулии нақди дар хазинабуда, ҳудуди нуқтаи фаъолият вобаста ба муайян намудани маблағҳои воситаҳои пулӣ, ки ба хазина ворид нашуда буданд (ба ҳисобот дохилнашуда), пурра аз назар гузаронда мешаванд.

9. Баъд корманди мақомоти андоз санади ҳисоби бақияи воситаҳои пулии нақди хазинаро дар ду нусха тартиб медиҳад (Замимаи 3 ба Тартиби гузаронидани хариди назоратӣ). Ҳангоми дар хазина мавҷуд будани асъори хориҷӣ санади ҳисоби бақияи воситаҳои пулии нақд бо асъори хориҷӣ дар хазина тартиб дода шуда (Замимаи 4 ба Тартиби гузаронидани хариди назоратӣ), дар он воситаҳои пулии нақд ва шакли ҳар як пули коғазӣ (купюра) сабт карда шуда, маблағи умумии савдо дар лаҳзаи санҷиш бо рақам ва ҳарфҳо навишта мешавад. Санадро корманди мақомоти андоз ва фурӯшанда (хазиначӣ) ва ё роҳбари субъекти хоҷагидорӣ имзо менамоянд.

10. Нишондоди бе хомӯш намудани дастгоҳҳои назоратӣ – хазинавии дорои хотираи фискалӣ гирифташуда ба санади хариди назоратӣ замима карда мешавад. Корманди мақомоти андоз пулҳои нақдии хазинаро ҳисоб намуда, санади хариди назоратиро тартиб медиҳад.

11. Агар маблағи пули нақдии дар хазина мавҷудбуда аз маблағи нишондоди дастгоҳҳои назоратӣ – хазинавии дорои хотираи фискалӣ зиёд бошад, бақияи он аз тарафи андозсупоранда истифода набурдани дастгоҳи назоратӣ-хазинавиро тасдиқ менамояд. Дар ин маврид дар санади хариди назоратӣ маблағҳои зиёдатӣ муайян шуда, бо рақамҳо ва ҳарфҳо пурра сабт карда, аз фурӯшанда (хазиначӣ, роҳбари субъекти соҳибкорӣ) ба таври хаттӣ баёнот талаб карда мешавад, ки ба санади хариди назоратӣ замима карда мешавад.

12. Корманди мақомоти андоз маълумотҳои дастгоҳҳои назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалиро бо маълумотҳои дафтари пешбурди маблағҳои пулии нақдӣ ва дафтари сабти расидҳо ва ҳуҷҷатҳои дигари

ҳисоботашон қатъӣ, ки шакли онҳоро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар мекунад, муқоиса менамояд.

13.Тарзи амалӣ шудани хариди назоратӣ дар санади хариди назоратӣ нишон дода мешавад:

1) бо истифодаи дастгоҳҳои назоратӣ-хазинавӣ ва додани чипта ба харидор;

2) бо истифодаи дастгоҳҳои назоратӣ-хазинавӣ, дар ҳолате, ки чипта зада шуда, лекин ба харидор дода нашудааст;

3) бе истифодаи дастгоҳҳои назоратӣ-хазинавӣ, ҳангоми мавҷуд будани дастгоҳҳои назоратӣ-хазинавӣ, лекин дар он чипта зада нашудааст;

4) бо истифодаи дастгоҳҳои назоратӣ-хазинавӣ, ҳангоми ба маблағи кам задани чипта, назар ба арзиши воқеии харид, кор ва хизматрасонӣ (бо нишондоди маблағе, ки ба он чипта зада шудааст);

5) бо истифодаи дастгоҳҳои назоратӣ-хазинавӣ дар ҳолати корношоямӣ;

6) бо барномаҳои сертификатсияшуда истифода намудани хазинаи виртуалӣ ва системаҳои компютерии дорои хотираи фискалӣ, дар шакли коғазӣ ва ё электронӣ додани чипта ба харидор, дуруст нишон додани маблағи харид дар он;

7) мутобиқати маълумоти хотираи фискалии дастгоҳи назоратӣ–хазинавӣ ба бақияи маблағҳои нақдии хазина;

8) қайди маълумотҳои зарурӣ дар чеки назоратӣ-хазинавӣ.

14. Агар дар нуқтаҳои хизматрасонӣ ҳангоми ҳисоббаробаркуниҳои пулӣ бо додани расидҳо, чиптаҳо, тамғаи пардохти почта, талонҳо ва варақаҳои дигари ҳисоботашон қатъӣ, ки тибқи шаклҳои мутобиқ ба шаклҳои тасдиқнамудаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода шуда бошад, вобаста ба ин дар банди 6 санади хариди назоратӣ сабт карда мешавад. Агар дар ҷараёни хариди назоратӣ муқаррар карда шавад, ки ба харидорон (мизоҷон) расидҳо ё дигар варақаҳои ҳисоботашон қатъии дар ҳисоббаробаркуниҳо истифодашаванда бо тартиби муқарраргардида дода нашудаанд, вобаста ба ин ҳолат дар банди 7 санади хариди назоратӣ алоҳида қайд карда мешавад.

15. Маблағҳои воситаҳои пулие, ки аз ҷониби андозсупоранда барои пардохти арзиши молу маҳсулот (иҷрои кор, хизматрасонӣ) қабул гардидаанд, бояд ба кормандони мақомоти андоз, шахсони дигари ҷалбшуда, ки хариди назоратиро гузаронидаанд, баргардонда шуда, молу маҳсулоти дар ин раванд харидашуда ба андозсупоранда баргардонда мешаванд.

# 3. БАРАСМИЯТДАРОРИИ НАТИҶАҲОИ ХАРИДИ НАЗОРАТӢ

16. Санади хариди назоратӣ дар ду нусха тартиб дода шуда, аз ҷониби корманди мақомоти андоз ва шахсе, ки фурӯши молҳо (иҷрои кор ва хизматрасони) –ро анҷом додааст, имзо карда мешавад. Нусхаи дуюми санад бо гирифтани имзо ба шахсе, ки фурӯши мол (иҷрои кор ва хизматрасони)-ро анҷом додааст, супорида мешавад.

17. Дар сурати ошкор гардидани ҳуқуқвайронкунӣ ҳангоми гузаронидани хариди назоратӣ аз шахси масъули субъекти хоҷагидорӣ (фурӯшанда, хазиначӣ) ба таври ҳатмӣ баёнот талаб карда мешавад.

18. Дар сурати саркашӣ кардани шахси масъули субъекти хоҷагидорӣ (фурӯшанда, хазиначӣ) аз додани баёнот ва имзо намудани санади хариди назоратӣ, аз ҷониби корманди мақомоти андоз дар санади хариди назоратӣ бо нишондоди сана, гузоштани имзо ва навиштаҷот «аз гузоштани имзо даст кашид, нусхаи дуюм супорида шудааст» сабт карда мешавад. Баъди супоридани нусхаи дуюми санади хариди назоратӣ аз ҷониби корманди мақомоти андоз оид ба натиҷаҳои хариди назоратӣ дар китоби бақайдгирии санҷишҳои нозирон ва китоби фурӯшанда (хазиначӣ) қайд гузошта мешавад.

19. Дар сурати ошкор гардидани ҳуқуқвайронкунӣ ҳангоми гузаронидани хариди назоратӣ, субъекти хоҷагидорӣ ё субъекти соҳибкорӣ (фурӯшанда, хазиначӣ) барои муайян намудани ҳолатҳо доир ба моҳияти ҳуқуқвайронкунии ошкоргардида ва андешидани чораҳо ба мақомоти андоз бояд ҳозир шавад, вобаста ба ин дар банди 11 санади хариди назоратӣ сабт карда мешавад.

20. Дар қисмати «Эзоҳ» дар ҳолати мавҷуд будани маълумотҳои иловагии дар ҷараёни хариди назоратӣ ошкоргардида, инчунин ҳангоми аз ҷониби роҳбар ё шахси масъули субъекти хоҷагидорӣ ё субъекти соҳибкорӣ иҷро накардани талаботи қонунии кормандони мақомоти андоз сабт карда мешавад.

21. Дар ҳолати монеа шудан ба фаъолияти корманди мақомоти андоз барои гузаронидани хариди назоратӣ, аз ҷониби корманди мақомоти андоз дар асоси моддаи 50 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон протоколи монеъшавӣ тартиб дода мешавад (Замимаи №5 ба Тартиби гузаронидани хариди назоратӣ). Ба протоколи монеъшавӣ аз ҷониби корманди мақомоти андоз ва шахси масъули субъекти хоҷагидорӣ ё роҳбари ташкилот имзо гузошта мешавад, инчунин оид ба сабаби монеашавӣ аз роҳбар ё шахси масъули субъекти хоҷагидорӣ баёнот гирифта мешавад. Дар ҳолати аз ҷониби шахси масъули субъекти хоҷагидорӣ ё роҳбари ташкилот дасткашӣ намудан аз имзо (аз додани баёнот), корманди мақомоти андоз метавонад бо иштироки на кам аз ду шахси холис санади монеъшавиро дар ҳузури онҳо тартиб дода, имзои онҳоро дар санад гирад.

22. Нусхаи якуми санади хариди назоратӣ бо ҳамаи замимаҳо ва баёнотҳо аз ҷониби корманди мақомоти андоз ба мақомоти андози дахлдор барои бақайдгирӣ ва андешидани чораҳои қонунӣ оид ба ҳуқуқвайрокунии ошкоргардида супорида мешавад. Агар субъекти хоҷагидорӣ ё субъекти соҳибкорӣ дар дигар мақомоти андоз ба қайд гирифта шуда бошад, пас санади хариди назоратӣ ва замимаҳои он барои татбиқ намудани чораҳо доир ба ҳуқуқвайрокунии ошкоргардида бо мактуби ирсолии дахлдор ба мақомоти андози маҳалли бақайдгирии субъекти мазкур равон карда мешаванд.

23. Ҳангоми вайрон намудани тартиби истифодабарии дастгоҳҳои назоратӣ-хазинавӣ, системаҳои компютерии дорои хотираи фискалӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои дахлдор татбиқ карда мешаванд.

24. Натиҷаи хариди назоратии гузаронидашуда метавонад ҳангоми гузаронидани назорати андоз бо мақсадҳои татбиқи усулҳои ғайримустақими баҳогузорӣ мутобиқи моддаи 37 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шаванд.

Замимаи №1
ба Тартиби гузаронидани
хариди назоратӣ

ФАРМОИШ №___

барои гузаронидани хариди назоратӣ

«__»___________ соли 20__

Дар асоси моддаи 86 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон:

______________________________________________________________________

*(номи мақомоти андоз, ки фармоишро додааст)*

супориш медиҳад_________________________________________________________

*(мансаб, номи мақомоти андоз, ному насаби шахсони*

______________________________________________________________________

*мансабдор, рақами шаҳодатномаи хизматӣ)*

хариди назоратӣ ________________________________________________________

*(номи объект, субъекти соҳибкорӣ ва суроға)*

доир ба масъалаҳои ______________________________________________________

*(номгӯйи масъалаҳои муайян, ки бояд ҳангоми*

______________________________________________________________________

*гузаронидани хариди назоратӣ мувофиқи қонунгузории андоз санҷида шаванд)*

___________________________________________________________ гузаронда шавад.

Муҳлати гузаронидани
хариди назоратӣ: ______ рӯз, аз ________ то__ __________ соли 20__

Роҳбари мақомоти андоз ___________________ ________________________________

*(имзо)* *(ному насаб)*

*Эзоҳ: фармоиш ба андозсупоранда барои шиносоӣ нишон дода мешавад ва/ё нусхаи он дода мешавад. Дар нусхаи аслии фармоиш қайди андозсупоранда оид ба шиносоӣ бо фармоиш гузошта шуда, ба санади хариди назоратӣ, ки ба мақомоти андоз супорида мешавад, замима мегардад.*

Тарафи пушти фармоиш

Бо фармоиш шинос шудам

| № | Санаи шиносоӣ бо фармоиш ва гузаронидани хариди назоратӣ | Номи субъекти соҳибкорӣ | Ному насаби шахси масъул ё роҳбари субъекти хоҷагидорӣ | Имзои шахси масъул ё роҳбари субъекти хоҷагидорӣ |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |

Замимаи №2
ба Тартиби гузаронидани
хариди назоратӣ

# САНАДИ

## хариди назоратӣ

«__» _______соли 20__

___________________________________________________________________________

*(номи шаҳр ё маҳалли аҳолинишин)*

Вақти гузаронидани хариди назоратӣ ______ соат _____ дақиқа.

___________________________________________________________________________

*(мансаб, ному насаби корманди мақомоти андоз)*

Мувофиқи фармоиши №____ аз «__» _________ соли 20__, ки аз ҷониби

___________________________________________________________________________

*(номи мақомоти андоз)*

бо иштироки ______________________________________________________

*(ному насаби шахсони масъули субъекти соҳибкорӣ)*

дар нуқтаи фурӯш (соҳаи хизмат, хизматрасонӣ), ки тааллуқ дорад ба

___________________________________________________________________________

*(номи объект ва суроға)*

___________________________________________________________________________

*(ному насаби соҳибкори инфиродӣ ё номи шахси ҳуқуқӣ, РМА)*

Маҳалли бақайдгирӣ_____________________________________________
фурӯшро амалӣ намуд ___________________________________________

*(ному насаби фурӯшанда, хазиначӣ)*

Мавҷудияти шартномаи меҳнатӣ бо шахси фурӯшро амалинамуда _____
Мавҷудияти китоби санҷишҳои нозирон ____________________________

ДАР НАТИҶАИ ХАРИДИ НАЗОРАТӢ МУАЙЯН КАРДА ШУД:

1. Намуди фаъолият____________________________________________
2. Мавҷудияти нархномаҳо ______________________________________
*(ҳангоми мавҷуд набудани нархномаҳо, дар*
______________________________________________________________
*кадом намуди молҳо мавҷуд набудани нархномаҳо нишон дода шавад)*
3. Номгӯи молҳо (кор ва ё хизматрасонӣ)-и харидашуда_______________

4. Нархи молҳои харидашуда (кор ва ё хизматрасонӣ) ________________

5. Шумора ва маблағи молҳо (кор ва ё хизматрасонӣ)-и харидашуда ______________________________________________________________

6. Тамға ва рақами давлатии дастгоҳҳои назоратӣ-хазинавӣ (варақаҳои ҳисоботашон қатъӣ)___________________________________________
*(маҳалли қайди дастгоҳҳои назоратӣ-хазинавӣ ё*
______________________________________________________________
*варақаҳои ҳисоботашон қатъӣ нишон дода шавад)*

(Тарафи пушти санади хариди назоратӣ)

7. Ҳангоми хариди назоратӣ ҳисоббаробаркунӣ чӣ тавр амалӣ шуда буд (зери далели муқарраршуда хат кашида шавад):

а) бо истифодаи дастгоҳҳои назоратӣ-хазинавӣ (варақаҳои ҳисоботашон қатъӣ) ва додани чипта (квитансия) ба харидор;

б) бо истифодаи дастгоҳҳои назоратӣ-хазинавӣ (варақаҳои ҳисоботашон қатъӣ), вақте, ки чипта зада шудааст (расид навишта шудааст) аммо ба харидор дода нашудааст;

в) бе истифодаи дастгоҳҳои назоратӣ-хазинавӣ (варақаҳои ҳисоботашон қатъӣ), вақте, ки дастгоҳҳои назоратӣ-хазинавӣ (варақаҳои ҳисоботашон қатъӣ) мавҷуданд, аммо дар онҳо чипта зада нашудааст (расид дода нашуааст);

г) бо истифодаи дастгоҳҳои назоратӣ-хазинавӣ (варақаҳои ҳисоботашон қатъӣ), вакте, ки чипта зада шудааст (расид дода шудааст), лекин ба маблағи кам, назар ба арзиши харид _____________________________________________________________;
*(маблағе, ки ба он чипта дода шудааст нишон дода шавад)*

д) бо истифода аз дастгоҳҳои назоратӣ-хазинавии корношоям.

8. Маблағи савдои нақд дар лаҳзаи хариди назоратӣ________________________

___________________________________________________________________________
*(бо рақамҳо ва ҳарфҳо, мувофиқи санади ҳисоби*

__________________________________________________________-ро ташкил дод.
*пулҳои нақд аз хазина)*

9. Нишондод оид ба ҳисобот бе хомӯш намудани дастгоҳҳои назоратӣ-хазинавӣ _______________________________________________________________
*(бо ракамҳо ва бо ҳарфҳо, ҳисобот ба санад ҳамроҳ карда шавад)*

10. Зиёдатӣ (норасоӣ) муқаррар карда шудааст (бандҳои 8, 9) ___________________________________________________________________________
*(бо ракамҳо ва бо ҳарфҳо, баёноти фурӯшанда замима карда мешавад)*

11. Пешниҳоди санҷишгарон: Ба раёсат (нозирот)-и андоз дар ноҳия (шаҳр, вилоят)-и ___________, «__» _________ соли 20___, соати ____, ба утоқи №___, шуъбаи _______________________________________________________________ ба назди мутахассиси ______________________________________________________
*(номи шуъба)* *(ному насаб)*
ҳозир шавед.

Бо худ чунин ҳуҷҷатҳоро дошта бошед _____________________________________
___________________________________________________________________________.
Эзоҳ:______________________________________________________________________
___________________________________________________________________________

Корманди мақомоти андоз ______________ ________________________________
*(имзо)* *(ному насаб)*

______________ ________________________________
*(имзо)* *(ному насаб)*

Шахси масъули субъекти

хоҷагидорӣ (хазиначӣ, фурӯшанда) _____________ _________________________
*(имзо)* *(ному насаб)*

Роҳбари ташкилот __________ _________________________
*(имзо)* *(ному насаб)*

Як нусхаи санадро гирифтам: ______________________________________________
*(мансаб, ному насаб, имзо, сана)*

*Эзоҳ: Санади хариди назоратӣ дар ду нусха тартиб дода мешавад:*

*- нусхаи якум ба мақомоти андоз;*
*- нусхаи дуюм ба андозсупоранда дода мешавад.*

Замимаи №3
ба Тартиби гузаронидани
хариди назоратӣ

# САНАД

оиди бақияи воситаҳои пулии нақд дар хазинаи

___________________________________________________
(номи субъекти хоҷагидорӣ)

аз «__» _______________ соли 20 __

| № | Пули коғазӣ ва танга | Шумора | Маблағ |
|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 |
| 1 | 500 сомонӣ | | |
| 2 | 200 сомонӣ | | |
| 3 | 100 сомонӣ | | |
| 4 | 50 сомонӣ | | |
| 5 | 20 сомонӣ | | |
| 6 | 10 сомонӣ | | |
| 7 | 5 сомонӣ (ҳам дар шакли танга) | | |
| 8 | 3 сомонӣ (ҳам дар шакли танга) | | |
| 9 | 1 сомонӣ (ҳам дар шакли танга) | | |
| 10 | 50 дирам | | |
| 11 | 25 дирам | | |
| 12 | 20 дирам | | |
| 13 | 10 дирам | | |
| 14 | 5 дирам | | |

Воситаҳои пулии нақд дар хазина ҳангоми гузаронидани хариди назоратӣ________________________________________________________________

_________________________________________________________________

_______________________________________ сомониро ташкил доданд.
*(бо рақамҳо ва ҳарфҳо)*

Воситаҳои пулии нақдии хазина пас аз гузаронидани хариди назоратӣ ба маблағи ______________________________________________________
*(бо рақамҳо ва ҳарфҳо)*

_________________________________________________________________

____________________________________ бо сомонӣ пурра ба хазиначӣ баргардонида шуданд, нисбати баргардонидани маблағҳои нақдӣ эрод надорад.

Корманди
мақомоти андоз __________________ ______________________________
*(имзо)* *(ному насаб)*

__________________ ______________________________
*(имзо)* *(ному насаб)*

Шахси масъули
субъекти хоҷагидорӣ ____________ ____________________________
*(имзо)* *(ному насаб)*

Роҳбари ташкилот ____________ ____________________________
*(имзо)* *(ному насаб)*

*Эзоҳ: Санад оид ба бақияи воситаҳои пулии нақд дар хазина дар ду нусха тартиб дода мешавад:*

*- нусхаи якум дар мақомоти андоз;*
*- нусхаи дуюм дар андозсупоранда мемонад.*

Замимаи №4
ба Тартиби гузаронидани
харидi назоратӣ

# САНАД

Оид ба бақияи асъори хориҷӣ дар хазинаи

______________________________________________________________

(номи субъекти хоҷагидорӣ)

аз «__» _______________ соли 20 __

| Доллари ИМА | | Рубли русӣ |
|---|---|---|
| 100 USD x ______ шум.=______ USD<br>50 USD x _______ шум.=______ USD<br>20 USD x _______ шум.=______ USD<br>10 USD x _______ шум.=______ USD<br>5 USD x ________ шум.=______ USD<br>1 USD x ________ шум.=______ USD<br>Ҷамъ:______________ доллари ИМА | | 5000 руб. x ____шум. = _______ руб.<br>1000 руб. x ____ шум. = ________ руб.<br>500 руб. x _____ шум. = ________ руб.<br>100 руб. x _____шум. = ________ руб.<br>50 руб. x ______ шум. = ________ руб.<br>10 руб. x ______ шум. = ________ руб.<br>5 руб. x _______ шум. = ________ руб.<br>Ҷамъ:________________________ руб. |
| **ЕВРО** | | **Дигар асъор** |
| 500 x _____ шум. = ___________ EURO<br>200 x _____ шум. = ___________ EURO<br>100 x _____ шум. = ___________ EURO<br>50 x ______ шум. = ___________ EURO<br>20 x ______ шум. = ___________ EURO<br>10 x ______ шум. = ___________ EURO<br>5 x _______ шум. = ___________ EURO<br>1 x _______ шум. = ___________ EURO<br>Ҷамъ:______________________ EURO | | |

Воситаҳои пулии нақд дар хазина ҳангоми гузаронидани хариди назоратӣ________________________________________________
________________________________________________________________
_______________________________________________________бо асъори хориҷӣ (доллари ИМА, рубли русӣ, евро)-ро ташкил доданд.

*(бо рақамҳо ва ҳарфҳо, доллари ИМА, рубли русӣ, евро нишон дода мешавад)*

Воситаҳои пулии нақди хазина пас аз гузаронидани хариди назоратӣ ба маблағи ____________________________________________________
________________________________________________________________
___________________________________ бо асъори хориҷӣ (доллари ИМА, рубли русӣ, евро) пурра ба хазиначӣ баргардонда шуданд, нисбати баргардондани маблағҳои нақдӣ эрод надорад.

*(бо рақамҳо ва ҳарфҳо, доллари ИМА, рубли русӣ, евро нишон дода мешавад)*

Корманди
мақомоти андоз __________________ ____________________________
*(имзо)* *(ному насаб)*

__________________ ____________________________
*(имзо)* *(ному насаб)*

Шахси масъули
субъекти хоҷагидорӣ ____________ ____________________________
*(имзо)* *(ному насаб)*

Роҳбари ташкилот _____________ ____________________________
*(имзо)* *(ному насаб)*

*Эзоҳ: Санад оид ба бақияи асъори хориҷӣ дар хазина дар ду нусха тартиб дода мешавад:*
*- нусхаи якум ба мақомоти андоз;*
*- нусхаи дуюм ба андозсупоранда дода мешавад.*

Замимаи №5
ба Тартиби гузаронидани хариди назоратӣ

# САНАДИ

монеъшавӣ

«__» __________ соли 20__ ___________________________________________

*(маҳалли тартибдиҳии санад)*

Санад ҳангоми гузаронидани _____________________________________________

*(намуди назорати андоз)*

дар асоси фармоиши №____, аз «__» ________ соли 20__ дар

___________________________________________________________________________,

*(номи нуқтаи савдо (соҳаи хизматрасонӣ)*

ки ба ______________________________________________________ тааллуқ дорад

*(номи шахси ҳуқуқӣ, ному насаби соҳибкори инфиродӣ)*

ва дар суроғаи_____________________________________________ ҷойгир шудааст:

*(шаҳр, ноҳия, кӯча, рақам)*

оид ба монеъшавӣ тартиб дода шудааст, ки он

___________________________________________________________________________

*(ному насаби роҳбар ё шахси масъули субъекти хоҷагидорӣ)*

___________________________________________________________________________

___________________________________________________________________________

*(суроғаи маҳалли зист, шаҳрвандӣ, забони давлатиро медонад)*

___________________________________________________________________________

бо роҳи роҳ надодан ба бинои объекти тафтишаванда, пешниҳод накардани ҳуҷҷатҳои пешниҳодкунандаи ҳуқуқ ба амалисозии фаъолияти иқтисодӣ ва ҳуҷҷатҳои ифодакунанда пуррагӣ ва дурустии баҳисобгирии даромадҳо ва хароҷотҳо, ки барои ҳисоб намудани андозҳо заруранд _________________
___________________________________________________________________________.

Эзоҳ:______________________________________________________________________
___________________________________________________________________________
___________________________________________________________________________

Шахси мансабдори
мақомоти андоз ________________________ _____________________________
*(имзо)* *(ному насаб)*

________________________ ____________________________
*(имзо)* *(ному насаб)*

Шахси масъули
субъекти хоҷагидорӣ _____________ ________________________________
*(имзо)* *(ному насаб)*

Шахсони холис:

1. Ному насаб _____________________ /имзо/ ____________________________

Маҳалли зист__________________________________________________________

2. Ному насаб _____________________ /имзо/ _____________________________

Маҳалли зист________________________________________________________

Як нусхаи санадро гирифтам: _________ ___________ «__» _______ соли 20 __
*(имзо)* *(ному насаб)*

Қайди махсус_________________________________________________________